Номаи мунаққид Сафар Абдулло ба шоир Мӯъмин Қаноат



**Бо дуруд ба устоди гаронмоя Мӯъмин Қаноат! Устоди азиз, чун мову Шумо якдигарро ҳадди аққал беш аз сӣ - сию панҷ сол мешиносем ва дар ин муддат равобити бародарона ва дӯстона доштаем ва аз дуру наздик ҳамеша ҷуёи ҳоли якдигар будаем ва муддатҳое будааст, ки рӯзҳоро ва муддате моҳҳоро бо ҳам ва дар сӯҳбатҳои бисёр ҷолиби маънавӣ ва отифӣ сипарӣ кардаем, дилам дубора ба ҳавои он сӯҳбатҳо пар - пар кард.**

Ва ҳам акнун Шумо, устоди гаронмоя, ки ман аз вуҷуди муборакатон ифтихор мекунам, дар остонаи ҳаштодсолагӣ қарор доред, дилам меход бо ҳам суҳбате дошта бошем ошкор ва ҳарфҳоеро ҳам, ки борҳо раду бадал кардаем, дубора ба ёд биёварам, ки ин ба наҳве ба худ омадан ва эҳё шудан аст, ҳамчунин аз фарозу фуруди фарҳангу адаби мо дар ин муддат табодули назар кунем.

Дар ин солҳо он чӣ аз сари мо гузашту аз сари кишвари азизи мо, бетардид аз дили мо низ гузаштааст ва захми носураш то ҳастем, моро ҳамроҳӣ хоҳад кард... Ба ҳар ҳол, худоро шукр, ки Шумо дар меҳани азизи мо ҳастед. Во асафо, ки устод Лоиқ, ки то зинда буд дар ҳозиру ғоиб аз Шумо бо муҳаббат ёд мекард ва дар китоби «Фарёди Бефарёдрас» - аш дарди меҳанро беҳтару барҷастатар аз дигарон тавонист бигӯяд, дигар имкони бардоштани ҷоми муборакбодиро дар зодрӯзи устодаш надорад ва захме дар дилҳои мо гузошту рафт. Шумо ва устод Лоиқ дар як рӯз зода шуда будед! Оё ин амр тасодуфе беш нест?! Ва устод Бозор Собир, ки он солҳо яке аз мояҳои ифтихори мо ва сармояҳои гаронбаҳои ин обу гил буд, солҳост дар ғурбат ба сар мебарад ва бо далоили барои мо машкук даҳсолаҳои охир ҳарфҳои зидду нақиз мезанад ва гоҳо ҳарфҳои пеши по уфтодаи сиёсигунаро ба сурати шиъорҳои манзум ба унвони шеър пешкаш мекунад...

Дигар шеъру адаби мо қадру қиммати пешинашро аз даст додаст, теъдоди хомазанони ҳарзагӯ рӯзафзун аст, ҳар касе ҳарчӣ дилаш хост бо номи адабиёт интишор мекунад... Тирожи расонаҳо ва китобҳо ба ҳадди чашмнодидаю гӯшношунида коҳиш ёфтааст... Ва коре ҳам наметавон кард. Як бахши ин вазъи рукуди маънавӣ марбут аст ба вазъи ҷаҳони имрӯз, ки расонаҳои гурӯҳӣ, ба вежа расонаҳои электроник, ҷойгоҳи бас буланди китоб ва китобхониро танг кардаанд, вале бахши дигари ин ҳол марбут мешавад ба сатҳи фарҳангии мардуми мо ва ба вежа қишри, ба истилоҳ рушанфикри ҷомиъа, ки мутаассифона, ағлаб камсавод ҳастанд, агар бесавод нагӯем (савод фақат хондану навиштан нест!) ва бархе аз эшон аз субҳ то шом камари ҳиммати хешро барои тамаллуқ ва хушомадгӯӣ бастаанд ва рисолати қаламро аз ёд бурдаанд. Ман ин ҷо метавонам аз адабиёти муосир мисолҳои фаровоне биёварам, вале фикр мекунам, худатон аз ман беҳтар медонед ва суҳбати мо сари рисолати нависандагӣ ва рисолати инсонии афроде хоҳад буд, ки худованди якто ба эшон хунар додаст ва ин ҳунар бояд чӣ рисолатеро барои насли

имрӯз ва наслҳои оянда дошта бошад?! Хулоса, устоди гаронмоя ба ёди шеъри маъруфи устод Восифи Бохтарӣ, шоъири бузурги миллати мо, ки аз тоҷикони Балхи гузин асту ҳоло дар Амрико, дар ғурбат ба сар мебарад ва шеърҳои ноб ва дардолуд ва ангезонада мегуяд, шудам, ки боре дар посух ба ғазали устод Нодири Нодирпур «Куҳандиёро, диёри ёро, дил аз ту кандам, вале надонам, Ки гар гурезам, куҷо гурезам, вагар бимонам, куҷо бимонам?!» гуфта буд: «Дарёнавардо, дардову дардо, Дидӣ, ки туфон бо мо чиҳо кард?»

Ҳоло мехоҳам, устоди азиз, бо Шумо аз вазъи кунунии шеъру адаб дар кишвари азизи мо, пас аз туфони ҳаводиси ғайримунтазира, аз рисолати нависандагӣ ва «хор шудани ҳунар ва арҷманд шудани ҷодуӣ» ва ғайра сӯҳбат кунам ва аз забони шумо бишнавам, ки бо ин вазъе, ки дорем ва бо ин ҳоле, ки шеъру адаби мо дорад, аз куҷо омада будем ва ба куҷо хоҳем рафт? Хеле дӯст дорам, Шумо ҳарфи дилатонро бигӯед, бидуни хеч пиндоште, чун Шумо аз камтарин афроде ҳастед, ки бояд ҳарчӣ ҳаст, ҳамонро бигӯед ва ман мӯътақидам, ки нафаре мисли Шумо, бояд танҳо аз воқеъият сӯҳбат кунад, ҳатто агар ин воқеъият, барои атрофиён чандон гуворо ҳам набошад! Бифармоед ва бигӯед бо мо чӣ шуда? Ва шеъру адаби мо дар ҳоли ҳозир оё посухгӯи ниёзҳои ин миллати шариф ҳаст ва ё хайр?!

Табиист, ки ман вазъро дар маҷмӯъ дар назар дорам ва шак ҳам надорам, ки дар ҳамин солҳои сангин низ, адибони тавоное вориди адабиёт шудаанд, ки бидуни тардид онҳо бояд ташвиқ ва истиқбол шаванд! Нақди адабӣ дар ҳоли ҳозир, чунонки мебояд, вуҷуд надорад ва агар ҳам ҳаст бисёр заъиф аст!

Устоди бузургвор, мо борҳо дар робита ба эҳёи хати тоҷикӣ, яъне форсии арабиасос, сӯҳбат доштем ва медонем, ки то замоне, ки ин хат эҳё нашавад, мо ҳаргиз наметавонем, худро як миллати солим ва комил эҳсос намоем. Ин на фақат аз он ҷиҳат аст, ки хати ҳар миллате дар тӯли солҳо ба забони он миллат аҷин мешавад, ва ҷузъи муҳими фарҳанги миллиро ташкил медиҳад, балки хат дар маҷмӯъ бо забон пайванди ногусастанӣ дорад. Дар ин бора бузургтарин теорисанҳои забоншиносӣ навиштаанд. Гузашта аз ин ба ҳар фарде, ки ҳадди аққал андаке аз адабиёти гузаштаи мо огаҳӣ дорад, пайдост, ки дар баргардони ин адабиёт ба хати сирилик душвориҳои фаровоне пеш меояд...Масалан, садҳо вожаеро медонем, ки ба хати сирилик ғалат баргардон мешавад ва баргардонкунанда ҳам коре наметавонад бикунад. Барои мисол ду вожаро,ки дар адабиёти мо фаровон истифода шуда ,яке «саман», ки бо « ?» сулолса навишта мешавад ва маъниаш «баҳост» ва дигари ки бо син навишта мешавад ва маъниаш гули ёсуман аст. Ва ё вожаи «самар»бо сеи сулоса ба маънии мева, бор аст ва «самар» бо «син», ба маънии бегоҳӣ, торикии шаб аст ва ё вожаи «самин» бо «син» ба маънии «фарбеҳ» аст, дар ҳоле, ки «самин» бо сеи сулоса ба маънии «қимматбаҳо» ва «арзишманд»аст! Ва ё агар бихоҳем, ки исми Ҳавворо, ки нахустин зан аст, бинвисем, бояд бо «?» бинвисем, ва ҳаворо ба маънии «обу ҳаво» бинвисем, бояст бо « ?» яъне ҳеи дучашма бинвисем, агар ҳаворо ба маъонии «орзӯю ҳавас, иштиёқ ва маҳаббат» ва ё «оҳангу нағмаи лаҳни суруд низ истифода намоем, бояд аз ҳеи дучашма истифода барем. Дар хати сирилик мо чунин имконро надорем, дар натиҷа забони мо аз назари овошиносӣ (фонетик) аз хати русӣ зарбаи шадиде дидааст ва ин боъис шудааст, ки аҳлаби ҳамшаҳриҳои мо талаффузи дурустро аз даст бидиҳанд! Ва ҳамзабонони мо дар Эрону Афғонистон роҳаттар аз мо сӯҳбат мекунанд ва дар гуфтори хеш забони меъёр доранд, дар ҳоле ки мо, мутаассифона, дар ҳоли ҳозир ҳамон забони Айнию Турсунзода ва Қаноъату Лоиқу Бозору Улуғзодаву Баҳманёру Фарзонаро низ, ки форсии сара буд, аз даст додаем ва дар расонаҳои гурӯҳӣ ҳар ки бо гуиши хонаводагии хеш ҳарф мезанад, ва гоҳо менависад, ки ин мавзӯъ дархури андешаи ҷиддӣ ва ъилмист!

Вале ман мехоҳам, назари Шуморо дар бораи эҳёи хатти миллии мо (хатти форсии арабиасос) бидонам. Чун дар ҳоли ҳозир як сари аз ҳамакораҳои ҳечкора, ки на забонро хуб медонанд ва на хатти классикро ва ҳанӯз таҳти таъсири таблиғ ва ташвиқи кумунистӣ қарор доранду ҳеч намехоҳанд хӯи ғуломии худро аз даст бидиҳанд, барои эҳёи хати форсӣ монеъа эҷод мекунанд ва сару садо баровarda мардуми бечораи моро, ки аз масоили марбута огоҳ нестанд, гӯл мезананд! Мо хуб медонем, ки масъалаи барқарор намудани хат кори соддае нест, таҳаммул ва шикебоӣ мехоҳад, вале агар бихоҳем, ки худро миллати пешрафта ва миллати наҷиб ва пӯё биёбем, чорае ҷуз эҳёи хати форсӣ надорем...

Ин на аз он ҷиҳат аст, ки мо бо мероси ниёконамон мустақиман дастрасӣ пайдо мекунем, бо адабиёти пурбори форсӣ, ки дар саросари дунё интишор мешавад, ошно мешавем, балки пеш аз ҳама ва беш аз ҳама заминаи муҳиме барои худшиносӣ ва бедорӣ хоҳад буд. Ин ҳарфҳоест, ки ман беш аз сӣ сол аст, ки мегӯям. Мақолаҳое ҳам дар бораи пайванди хат бо забон навишта будам ва дар мизи гирде, ки маҷаллаи «Вопроси Литературы» ташкил карда буд, низ аз зарурати эҳёи хати тоҷикон сухан ронда будам. Ёдатон ҳаст, замони шӯравӣ масоили адабиёти миллӣ, аз ҷумла адабиёти тоҷикро дар Маскав дар иттиҳодияи нависандагон баррасӣ мекарданд ва бо забони русӣ аз фарозу фуруди адабиёти мо ҳарф мезаданд. Ман ҳам ки дар яке ду маҷлис ширкат кардам, боре гуфтам, шеъру адаби тоҷикро дар матну батни адабиёти форсӣ бояд баррасӣ кард ва чунин баррасӣ бояд дар Теҳрон сурат бигирад на дар Маскав. Шумо бо табассуми маънидор ҷамъбаст кардед ва нагзоштед, ки ин мавзӯъ тавсиъа ёбад. Баъдан ба ман гуфтед, ки баррасии ин масъала ҳанӯз зуд аст... Масъалаи сиёсист.

Шумо аз талоши банда барои расмӣ шудани забони мо дар Меҳанамон огаҳӣ доред. Ёдатон меояд, ки ман ҳангоми як ҷаласаи бузурги нависандагони шӯравӣ, дар хонаи адибон номаеро ба унвони масъулини ҷумҳурӣ таҳия намуда, имзои бисёре аз нависандагони бузурги шӯравиро гирифта ва дар он аз зарурати вазъи ҳуқуқӣ пайдо кардану давлатӣ шудани забонамон, аз собиқаи пуршукуҳи ин забон сухан ронда будам. Баъдан ин номаро рӯзномаҳои «Коммунист Таджикистана» ва «Ҷумҳурият» ба чоп расониданд. Имзои бархе аз нависандагоне, ки ман бо эшон ошноӣ надоштам,тавассути Шумо дарёфт шуд, ки сипосгузорам. Ҳамон рӯзҳо ҳам мову Шумо дар бораи эҳёи хат борҳо суҳбатҳое доштем, баъзан баҳсҳое дар ҳузури устод Муҳаммади Осимӣ (равонашон шод бод!)низ дар меҳмонсарои «Москва» сурат мегирифт, ки Шумо огоҳед. Дар утоқи Шумо ё эшон сурат мегирифт. Устод Осимӣ, марди меҳанпарасте буданд ва бо вуҷуди он ки ба наҳве «интернатсионалист»низ буданд, бисёр инсони миллӣ ва меҳанпараст буданд. Дар ин бора дар ҷое бо далелҳо ҳарф задаам, ки ин ҷо намехом такрор намоям. Мо фикр карда будем, ки барои бозгашт ба хати аҷдодӣ ҳадди ақал даҳ сол ило понздаҳ сол лозим аст ва бояд донишомӯзон аз соли аввал шурӯъ намоянд ва то даҳ сол мадрасаро бо ҳамин хат хатм кунанд. Дар ин муддат бо як барномаи санҷидашуда ва дуруст тарроҳӣ шуда донишгоҳҳои марбута бояд ба тарбияти муаллимин, яъне мутахассисини воқеъӣ бипардозанд ва кишвар дар он сурат метавонад хати аз даст додаашро дубора зинда бикунад. Бидуни тардид дар ин кор мо бояд аз бародарони ҳамзабону ҳамхунамон ки на танҳо дар Эрону Афғонистон, балки имрӯз дар ҷаҳон парешон шудаанд, истифода намоем. Дар ин росто Эрон бидуни тардид метавонад ва бояд ёрии хешро дареғ надорад. Ин як нуктаест, ки дарки он барои зинда мондани мо ва фардои миллатамон бисёр муҳим аст.

Дар сурати эҳёи хат, бидуни шак, кишвари мо ҳам аз назари фарҳангию маънавӣ пешрафт мекунад ва ҳам аз назари модию иқтисодӣ ва ҳам аз назари сиёсӣ ва ҷеополитикӣ... Аввалан, дастрасии мустақим ба он осори гаронсанге, ки дар тӯли ҳазору дусад сол бо ин забони ширин (ки ҳамеша «форсӣ» ном дошта ва ин ному ин забон поянда бод!) офарида шудааст, муҳайё мешавад. Онҳое, ки мегӯянд, ин осорро ба хати сирилик ва «забони тоҷикӣ» баргардон кардаанд ва ё баргардон хоҳанд кард ё сахт ноогоҳ ҳастанд ва ё авомфиреб ва ё бадтар аз ҳама хоҳони пешрафт ва шукуфоии ин кишвар нестанд ва ё огоҳона ва ноогоҳона хиёнат мекунанд. Зеро Шумо медонед, ки ҳазорон ҷилд китоби ниёкони бузурги мо ба хати русӣ баргардон нашуда ва дар тӯли ҳудуди як қарни охир миллати мо аз ин осори гаронсанг бебаҳра мондааст! Он чӣ аз ин мероси бузурги миллати мо, ба хати сирилик баргардон шудааст, қатрае аз дарёи бекарони адабиёти мост ва он низ, мутаассифона, дар бисёр маворид бо ағлоти фаровон ва нокомил баргардон мешавад. Гузашта аз ин, агар ин хат барқарор шавад, ягонагии фарҳангӣ ва забонии миллати мо бо бародаронамон дар дунё ва пеш аз ҳама дар Эрону Афғонистон барқарор хоҳад шуд, ки хати сирилик дар ин роҳ бадтар аз девори чин аст. Дар натиҷаи ин «ҷудоӣ» мо ҳамдигарро чунонки мебояд, намешиносем ва ҳамин ҷудоии хат боъиси ҷудоии як қавми ягона гаштааст. Агар хат эҳё шавад, наслҳои ояндаи миллати мо бидуни тардид аз як суй бо ҳамқавмонамон бештар наздик хоҳанд шуд ва аз сӯи дигар забон ва адабиёти сарзамини мо ба маротиб пешрафт хоҳад кард. Пайдост, ки ҳар қадр бо осори бузурги забони форсӣ бештар ошно шавем, ба ҳамон андоза аз худамон бештар тақозо мекунем ва мекушем, ки кам наёварем!

Аз назари моддӣ ва иқтисодӣ агар хат барқарор шавад,ниёз ба тарҷумаи бисёре аз китобҳо дар анвоъи ъилм намемонад, зеро ин корро бародарони ҳамзабони мо бамаротиб хубтар аз мо анҷом додаанд. Имрӯз дар ҷаҳон камтар кишвареро метавон пайдо кард, ки баробари Эрон китоб чоп кунад ва тақрибан бузургтарин осори адабӣ ва илмии ҷаҳон ба забони модарии мо тарҷума шуда ва дар Эрон интишор ёфтааст, ки мардуми мо ба иллати надонистани хати аҷдодиаш аз он маҳрум аст!

Гузашта аз ин дар бист соли охир бархе аз пажуҳишгоҳҳои мо, аз ҷумла пажуҳишгоҳи ховаршиносӣ, ба ҷои пажуҳишҳои илмӣ, асосан ба баргардони китобҳои чопи Эрон машғул шуда, дар он ҷо ба истиснои ду-се нафар, кори ъилмии чашмгиреро анҷом надодаанд. Тасаввур кунед, барқарор кардани ин хат то куҷо судманд аст! Аз назари сиёсӣ ва ҷеополитикӣ. Бубинед, агар ин се кишвар бо ҳам наздик шаванд, чӣ қудрати бузург хоҳад шуд ва ин бетардид барои мо, тоҷикон, судманд хоҳад буд! Ин наздикӣ оҳиста - оҳиста ба якпорчагӣ, ҳамраъйӣ ва ҳамдилӣ мерасонад. Шумо, устод, хуб медонед, ки дигар кардани хат дар кишвари мо аҳдофи сиёсӣ дошт ва ҳатто номи забони моро тоҷикӣ ва номи забони тоҷикони Афғонистонро «дарӣ» хондан низ ҳадафи сиёсӣ дошт ва ин ҳадаф «тафриқа андохтан ва ҳукумат кардан аст»!

Имрӯз ки Тоҷикистон зоҳиран аз озодӣ ҳарф мезанад,бояд ба унвони як давлати мустақил ин аҳдофи сиёсиро, ки бар зарари миллати мо буд, бишносад, авоқиби сангинашро барои фарҳангу тамаддун ва забону адабиёти мо ташхис намояд ва барои эҳёи фарҳанги миллӣ бикӯшад! Бадбахтона, бархе аз нависандагон ва ъуламое, ки ба хати форсӣ вуқуфи комил надоранд, имрӯз низ барои эҳёи он муқобилат мекунанд. Мехоҳам бо Шумо сари ин масоил сӯҳбат бикунам. Аз ҳамон замоне, ки паёми гарми Шумо ба гӯши дилам расид ва вуҷудамро ларзонд, ки мегуфтед:

Эй додгоҳи хокиён,эй осмони бекарон,

Танг аст ҳоли тоҷикон!

Дар зери хоку хокдон,

Ай дуди оташгоҳҳо,

Омоҷгоҳи оҳҳо

Тахти баланди Аҳуро

Бахти бади аҷдодҳо (аз Тоҷикистон исми ман)... Ман пайванде рӯҳониро миёни ҷони худу ҷони Шумо эҳсос мекунам. Ин ҳамон пайвандест, ки Мавлоно гуфта буд: Муттаҳид ҷонҳои мардони худост!

Имрӯз ин паёми Шумо беш аз пеш аҳамият пайдо кардааст ва агар мо бад он гӯш надиҳем, дунёи мо боз ҳам тангтар ва рӯзгорамон боз ҳам бадтар хоҳад шуд!

Бо камоли эҳтиром ва ихлос, иродатманд Сафар АБДУЛЛОҲ

P.S. Устоди бузургвор ман борҳо дар бораи ашъори гаронсанги Шумо навиштаам ва чанд сол пеш китоберо низ тамом кардам, ки Шумо аз он огоҳ ҳастед. Ҳоло як маҷмӯъаи ашъоратонро дар силсилаи «Устодони шеъри муосир» ( бо забони русӣ) барои чоп омода кардам ва умедворам дар асраъи вакт ба чоп бирасад.